# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №__________
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 11.01.2025, № 48

Барои сазовор донистани Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент).

Диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент), санаи 12-уми октябри соли 2024 бо суратмаҷлиси №44/1 Шурои диссертатсионии 6О.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №35 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7-уми марти соли 1992 таваллуд шудааст. Соли 2009 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети иқтисод ва идора, ихтисоси иқтисодиёти меҳнат дохил шуда, онро соли 2014 хатм намудааст. Соли 2019 дар кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯ, дохил шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Ғаниев Таваралӣ Бобоевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Амонова Дилбар Субҳоновна,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи Славянии Русия ва Тоҷикистон;

- **Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

- **Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи бизнеси сайёҳӣ ва меҳмондории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Қурбонов Ё. С. навишта шуда, дар ҷаласаи васеи кафедраи бизнеси сайёҳӣ ва меҳмондории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 16-уми декабри соли 2024, суратҷаласаи №5 баррасӣ гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С. 18-уми декабри соли 2024 тасдиқ шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент), кори илмии мукаммал ва баанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович ҳамчун кори баанҷомрасида маҳсуб ёфта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асоснокунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шудааст. Баъзе аз муқаррароти натиҷаҳои таҳқиқотро дар фаъолияти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар корхонаҳои ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Гуфтаҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» бо талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ ва ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои илмии ба табърасидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дарбар мегиранд ва натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. Эсанов М.Д. Мафҳум, рушд ва муаммоҳои соҳибкории хурду миёна дар иқтисоди бозоргонӣ [Матн] /М.Д. Эсанов, Ғ. Рузматзода//Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. - №2. (37). – Душанбе, 2019. – С.137-144.

[2-М]. Эсанов М.Д. Нақши иқтидори меҳнатии кормандон дар рушд ва инкишофдиҳии ширкатҳои сайёҳӣ [Матн] / М.Д. Эсанов // Гузоришҳои АИ ҶТ шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. -№4 (008). – Душанбе, 2019. С.147-151.

[3-М]. Эсанов М.Д. Ҳавасмандгардонии кормандон ва таъсири он ба системаҳои идоракунандаи захираҳои меҳнатӣ [Матн] / Т.Б. Ғаниев, Ҳ.Ҳ. Искандаров, М.Д. Эсанов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. - № 10-1. -С.105-111.

[4-М]. Эсанов М.Д. Механизмҳои бунёдии системаи идоракунии иқтидори меҳнатии кормандон дар асоси воситаҳои ҳавасмандсозӣ [Матн] / М.Д. Эсанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. - №5. -С.97-107.

[5-М]. Эсанов М.Д. Омӯзиши таҷрибаҳои хориҷӣ ва истифодабарии ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти ширкатҳои сайёҳӣ [Матн] / М.Д. Эсанов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. - №1(51). - С.400-408.

**Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидааст:**

[6-М]. Эсанов М.Д. Талаботҳои ташкилии идоракунии равонии касбӣ дар менеҷменти муосир [Матн] / М.Д. Эсанов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи "Идоракунии рушди захираҳои инсонӣ дар шароити муосир: консепсияҳо тамоюлҳо ва таҳдидҳо". – Душанбе, 2017. - С. 336-347.

[7-М]. Эсанов М.Д. Низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти он дар рушди фаъолияти бонкӣ [Матн] / М.Д. Эсанов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ, бахшида ба соли ҷавонон, дар мавзӯи "Таъсири буҳрони молиявӣ дар нишондиҳандаҳои

макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (12 декабри соли 2017). – Душанбе, 2017. – С.147-152.

[8-М]. Эсанов М.Д. Рушди туризми байналмилалӣ ва нақши он дар Тоҷикистон [Матн] / М.Д. Эсанов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, дар мавзӯи: «Равишҳои стратегии идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ" (ш.Душанбе, 5 апрели соли 2019). – Душанбе, 2019. –С.246-250.

[9-М]. Эсанов М.Д. Сармоягузориҳо ва аҳамияти он дар рушди иқтисоди миллӣ [Матн] / М.Д. Эсанов // Маводи конференсияи ҷумҳурияви илмӣ-назариявӣ "Мероси ниёгон эҳёи ҳунарҳои мардумӣ дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (27 апрели соли 2019). – Душанбе, - С. 251-255.

[10-М]. Эсанов М.Д. Ҳавасмандгардонии захираҳои инсонӣ яке аз роҳҳои навини идоранамоӣ дар шароити муосир [Матн] / М.Д. Эсанов // Маводи конференсияи байналхалқии илмию амалӣ дар мавзуи "Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ" (Душанбе, 13-уми октябри соли 2020). – Душанбе, 2020. - С.577-582.

[11-М]. Эсанов М.Д. Захираҳои инсонӣ ва роҳҳои навини идоранамоии он дар шароити муосир [Матн] / М.Д. Эсанов // Маҷмуаи маводи онлайн видеоконференсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзӯи "Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босурати кишвар" (13.11.2020, шаҳри Кӯлоб). – Кулоб, 2020. – С.129-134

[12-М]. Эсанов М.Д. Ҳавасмандгардонии кормандон ва аҳамияти он дар менеҷменти муосир [Матн] / М.Д. Эсанов // Маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ таҳти унвони "Таърих, анъана ва дурнамои рушди ҳунарҳои мардумӣ" (ш.Душанбе 28.11.2020). – Душанбе, 2020. – С.223-224

[13-М]. Эсанов М.Д. Рушди соҳаи туризм дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / М.Д. Эсанов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи "Таълимоти бефосилаи касбӣ-электронӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ" (Душанбе, 22.10.2021) – Душанбе, 2021. – С.217-222.

[14-А]. Эсанов М.Д. Менеҷменти идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ дар шароити муосир [Матн] / М.Д. Эсанов // Маҷалаи илмӣ-эҷодии "Мусаввир". – Душанбе, 2021. - №1. - С.79-80

[15-А]. Эсанов М.Д. Баҳогузории таҷрибаҳои хориҷӣ ва истифодабарии ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти ширкатҳои сайёҳӣ [Матн] / М.Д. Эсанов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи "Стратегияи тамадунии

пешвой дар асри XXI" (Душанбе, 20-уми феврали соли 2024). – Душанбе, 2024. - С.353-363.

[16-А]. Эсанов М.Д. Стратегияи идоркунии нootехникиву нootехнологии иттилоотӣ дар тамаддунсозии менеҷменти асри XXI [Матн] / М.Д. Эсанов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи "Стратегияи тамадунии пешвой дар асри XXI" (Душанбе, 20-уми феврали соли 2024). – Душанбе, 2024. - С.363-371.

[17-А]. Эсанов М.Д. Ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ ва рушду инкишофёбии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Д. Эсанов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ тахти унвони "Таҳқики масъалаҳои ҳуқуқӣ – иктисодии ташаккули низоми худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Душанбе, 22-юми декабри соли 2023). – Душанбе, 2024. - С.321-332.

Ба автореферати диссертатсия такризҳои зерин ворид шудаанд аз:

1. **Шарифов З.Р.** - д.и.и., профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур бо чунин эродҳо:

- унвонҷӯ масъалаи хидматрасониҳои сайёҳиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, дар манотиқҳои махсусгардонидашудаи сайёҳии кишвар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод, бамаврид мешуд;

- хуб мешуд, ки аз таҷрибаи давлатҳои ба мо наздик бахусус, давлатҳои ИДМ дар рушди соҳаи сайёҳӣ арзёбӣ мегардид.

2. **Ҳамроев Ф.М.** - д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ бо чунин эродҳо:

- хуб мебуд, агар муаллиф дар асоси истифодаи барномаи "Stata" ва "Eviews" иқтидори сайёҳӣ, вобастагии он ба рушди иқтисодиёт ва алоқамандии сатҳи ҳавасмандии меҳнатии кормандони зинаи роҳбарии ин соҳаро арзёбӣ менамуд.

3. **Сафаров Б.Г.** - н.и.и., дотсент, ноиби ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- хуб мешуд дар автореферат вобаста ба ташаббусҳои инноватсионии мутахассисони соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо дар шароити муосир таҳлил ё маълумоти мухтасар пешниҳод карда мешуд;

- барои боз ҳам мукаммал гаштани автореферат, хуб мешуд муаллиф модели механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии

иқтидори меҳнатиро дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон пешниҳод менамуд.

4. **Бобозода К.О.** – н.и.и., ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ бо чунин эродҳо:

- дар саҳифаҳои 11-13 автореферати диссертатсия, муаллиф таҷрибаи хориҷиро дар ҳавасмандгардонии фаъолияти кормандон таҳқиқ намуда, ҳамзамон таҷрибаи муваффақи давлатҳои ҷаҳон ИМА,Ҷопон ва як қатор мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупоро асоснок намудааст. Аммо, татбиқи таҷрибаи муфиди кадоме аз ин мамлакатҳоро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок ва пешниҳод накардааст;
- дар саҳифаи 23 автореферати диссертатсия аз тарафи муаллиф таснифоти иловапулӣ ва изофапулӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ дар расми 6 таҳия карда шудааст. Оид ба расми таҳиягардида, ақида ва мақсади асосии муаллиф норавшан мондаст.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, бисёри эродҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин, бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масъалаҳои ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон, мавҷудияти интишороти онҳо дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии муқарризони расмӣ муайян шудаанд.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **ҷанбаҳои назариявӣ-консептуалии** самаранок истифодабарии иқтидори меҳнатӣ бо роҳи механизмҳои муосири ҳавасмандгардонии кормандон дар ширкату корхонаҳои сайёҳӣ шарҳ дода шуда, таърифи муаллифии ҳавасмандгардонӣ ва мотиватсияи фаъолияти меҳнатӣ пешниҳод карда шудааст;
- **пешниҳод карда шудааст**, ки ташаккул ва рушди равишҳои консептуалии механизмҳои муосиртарини хавасмандгардонӣ ва истифодабарии самараноки иқтидори меҳнатии ширкатҳои сайёҳӣ дар шароити муосир ба роҳ мода шуда, бо истифода аз механизми

инноватсионии муосир таҳия намудани низоми ҳавасмандкунӣ, идоракунӣ ва истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ ба роҳ монда шавад;

- **фарзияи таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки дар амал татбиқ гардидани таъмини ширкатҳои сайёҳӣ бо иқтидори меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо баҳри беҳтарсозии фаъолият имконият медиҳад. Инчунин, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот воқеияти фарзияи номбурдаро пайгирӣ намуда, барои марҳила ба марҳила татбиқ гардидани он мусоидат менамоянд;

- **ҷорӣ намудани** таҷрибаҳо ва усулҳои муосири ҳавасманднамоии кормандон дар ширкату корхонаҳои сайёҳии кишвар яке аз роҳҳои асосии расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дониста мешавад. Бинобар ин, вобаста ба дигаргуншавии шароитҳои корӣ ва тағйир ёфтани функсия-вазифаҳои корманди дар соҳаи мазкур бояд мувофиқ ба талаботҳои хизматрасонии муосири соҳа ба назар гирифта шавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- **исбот карда шудааст**, ки дар ширкату корхонаҳои сайёҳӣ истифодабарии механизмҳои муосири ҳавасмандгардонии кормандон яке аз роҳҳои самаранок истифодабарии иқтидори меҳнатии онҳо ва расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, дониста мешавад, аз ин нуқтаи назар ҳавасмандии корманд натиҷаи мусбии худро дошта, бартарафкунандаи мушкилоти ҷойдошта дониста мешавад;

- аҳаммиятнокии идоракунии иқтидори меҳнатӣ нисбат ба дигар иқтидорҳо **муайян карда шуда**, унсурҳо, марҳилаҳо ва шароити рушди иқтидори меҳнатии ширкатҳои сайёҳӣ аз истифодабарии механизми ҳавасмандгардонӣ нишон дода шуда, муайян гашт, ки рушди соҳаи сайёҳии ҷумҳурӣ ва зерсохторҳои он ба идоракунии самараноки иқтидори меҳнатӣ ниёз доранд;

- **ошкор карда шудааст,** ки барои рушду инкишоф додани соҳаи сайёҳии кишвар нақши мутахассисони ҳирфаӣ асос дониста шуда, омодасозии онҳо мувофиқ ба талаботи имрӯзаи бозори меҳнати хизматрасонӣ бояд ба роҳ монда шавад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:** натиҷаҳои асосии таҳқиқотии диссертатсия дар фаъолияти Кумитаи рушди сайёҳӣ (маълумотномаи №9.3-296, аз 11.03.2024) ва санади Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 05.03.2024, №151/дс коркард ва истифода шудаанд;

- **муайян карда шуд**, ки даромаднокии соҳаи сайёҳӣ нисбат ба дигар соҳаҳо бештар буда, рушду инкишоф додани он ба манфиати кор хоҳад буд. Ҳамзамон истифода аз усулҳои муосири хизматрасониҳои соҳа ва самаранок истифодабарии имкониятҳои соҳа дар доштани мутахассисони ҳирфаӣ ҷамбаст карда мешавад;

- **муаррифӣ карда шуд**: барои самаранок идора кардани фаъолияти минтақавии сайёҳӣ бояд системаи муайяни пешаки тасдиқшудаи он бо қарор ва фармоишҳои ташкилотҳои минтақавии сайёҳӣ (ТМС) ба роҳ монда шавад. ТМС низоми зерсохторҳои мавҷудаи ин минтақаи сайёҳиро таҳти назорат гирифта, онҳоро ба таври назаррас муназам месозад;

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- назария ва амалияи таҳқиқ бо истифодаи усулҳои махсус, эътимоднокии маълумотҳо, микдори кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои корҳо ва интишорот дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ тасдиқ карда мешавад. Хулосаҳо ва тавсияҳо ба таҳқиқи илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд;

- **ғояи таҳқиқот** дар заминаи амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаҳои давлатии соҳаи сайёҳӣ, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» асоснок шудааст;

- **аслият ва навгониҳои** таҳқиқоти диссертатсионӣ аз коркард ва асосноккунии ҷанбаҳои назариявии механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили он дар ин соҳаи муҳимми ҷамъиятӣ иборат мебошад;

- **усулҳои муосири** ҷамъоварии иттилоот, коркарди маълумотҳои аввалия, мушоҳидаҳо, қиёс ва раддабандӣ дар раванди асоснок намудани паҳлуҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати ҳаллу фасли самаранок идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар асоси механизмҳои муосири ҳавасмандгардонӣ истифода карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- тамоми зинаҳои таҳқиқот ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқот, ба монанди интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва

мубраммии таҳқиқот, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст;

- камбудиҳои назаррас дар раванди такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ аз рӯйи объектҳо муайян карда шуда, усулҳои муосири ҳавасмандкунӣ ва мотиватсияи фаъолияти меҳнатӣ пешниҳод карда шудааст;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конфронсҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз ҷониби муаллиф маърӯза гардидаанд;

- мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии диссертатсияро фаро гирифта, аз 17 мақолаи илмӣ иборат мебошад, ки аз он 5-то дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- ба тасвиб расонидани 12 мақола аз натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмӣ.

Дар маҷлис аз 11 - уми январи соли 2025 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент), қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар узви Шуро 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар мутахассис аз рӯйи диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар узви шуро, овоз доданд: тарафдор 14 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Усманова Т.Ҷ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент — Гулов Ш.М.

11.01.2025с.